Wondershare PDFelement

«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_______ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз «__» ______ соли 2020 № 61

# ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ЛАБОРАНТИ КАФЕДРАИ МТҒ “ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

Дастурамалӣ мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Дар бораи таҳсилоти олиикасбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Лаборанти кафедра ба гурӯҳи мутахассисон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи лаборант кафедра шахсе таъин карда мешавад,ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ бе собиқаи корӣ ва дорои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо собиқаи кории на камтар аз дусола бошад.

3. Лаборанти кафедра бо пешниҳоди роҳбари сохтори таркибӣ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Лаборанти кафедра бояд дар бораи маводи меъёрию иттилоотӣ, ки ба самти фаъолияташ дахл дорад, стандартҳои амалкунанда ва шароити техникӣ барои коркарди ҳуҷҷатҳои техникӣ , тартиби барасмиятдарории онҳо,таҷҳизоти лабораторӣ, дастгоҳҳои назоратию ченкунӣ ва тартиби истифодаи онҳо, усул ва васоити иҷрои ҳисобҳои техникӣ, корҳои ҷадвалӣ ва ҳисобкунӣ, тартиби истифодаи техникаи ҳисобкунӣ, асосҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот,қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва зтдди сӯхтор таассуроти комил дошта бошад.

5. Лаборанти кафедра фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон , Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

6. Лаборанти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

Wondershare PDFelement

## 2.Уҳдадориҳои лаборанти кафедра

7. Лаборанти кафедра дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Ҳолати коршоямии таҷҳизот ва мувофиқати онро ба талаботи техникаи бехатарӣ назорат намуда, тозагӣ ва шароити кориро муҳайё сохта, барои техникаи зиддсӯхтор ҷавобгар мебошад.

7.2. Таҷҳзоти лабораториро ҳангоми зарурат ба кор медарорад.

7.3. Таҷҳизот (асбоб, дастгоҳ) – ро барои гузаронидани озмоишҳо омода месозад, коршоямии онро санҷида, тибқи дастурамал онро ба танзим медарорад.

7.4. Ҳангоми гузаронидани озмоишҳо иштирок карда, кумак мерасонад, раванди озмоишҳоро назорат карда, нишондиҳандаи асбобҳоро ба қайд мегирад.

7.5. Кормандони кафедраро бо таҷҳизоту асбоб ва маводи дигари зарурӣ таъмин менамояд.

7.6. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои методӣ натиҷаи таҳлил, озмоиш ва ченкуниҳоро коркарда карда, ба низом ва расмият медарорад. Онҳоро ба ҳисоб мегирад.

7.7. Маълумоти заруриро аз адабиёт, манбаъҳои реферативӣ ва иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ мувофиқи вазифаҳои муқарраршуда интихоб менамояд.

7.8. Вобаста ба озмоишҳо таҳқиқотҳои иҷрошаванда корҳои гуногуни ҷадвалӣ ва ҳисобкуниро анҷом медиҳад.

7.9. Дар таҳия ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои техникии корҳои иҷрошуда иштирок мекунад.

7.10. Бо дастури мудири кафедра ё мудири лаборатория ҳама гуна корҳои вобаста ба таҷдиди пояи лаборатория, таъмири лабораторияҳои таълимӣ ва омодасозии онҳо ба соли таҳсил, инчунин таҳия ва коркарди дастурҳои таълимӣ ва таълимию методӣ ва овезаҳоро таҳти роҳбарии омӯзгорогни кафедра иҷро менамояд. Дар ташкил ва таҷдиди айёнияти кафедра фаъолона ширкат меварзад.

7.11. Дастурҳои алоҳидаи хидматии мудири лабораторияро иҷро менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои лаборанти кафедра

8. Лаборанти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Бо лоиҳаҳои фармоишҳои роҳбари муассисаи таълимӣ, ки ба фаъолияти кории ӯ вобастаанд, шинос мешавад.

8.2. Ба баррасии роҳбарияти кафедра оид ба такмили кор ва уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дар низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, таклифҳо пешниҳод менамояд.

Wondershare PDFelement

8.3. Оид ба тамоми норасоиҳо, ки ҳангоми фаъолияти корӣ дар муассисаи таълимӣ ва сохторҳои таркибии он мушоҳида менамояд, мудири лабораторияро хабардор карда, ҷиҳати ислоҳи ин камбудиҳо таклиф пешниҳод менамояд.

8.4. Аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ кумаку дастгирӣ мепурсад.

8.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.6. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада «26» 11 соли 2020 (суратҷаласаи №5/58) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.

Wondershare PDFelement